ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ - РАМЗИ ИСТИҚЛОЛ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон рӯзи 20 ноябри соли 2026 конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Парчами давлатӣ - рамзи истиқлол ва ваҳдати миллӣ» баргузор гардид. Директори Пажӯҳишгоҳ - Сироҷиддин Ниёзӣ бо сухани ифтитоҳӣ ҳамоишро ифтитоҳ намуда, аз дастурҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар суханрониҳои худ пайваста ба зарурати эҳтиром ва арҷгузорӣ ба рамзҳои давлатӣ, ҳифзи арзишҳои истиқлолият ва тарбияи насли худшиносу ватандӯст таъкид менамоянд, ёдовар гардид. Дар ин замина, таъкид карда шуд, ки омӯзиши таърихи парчамдорӣ ва шарҳи аҳаммияти сиёсиву маънавии Парчами давлатӣ дар муассисаҳои таълимӣ яке аз самтҳои муҳимми тарбияи шаҳрвандӣ ва миллӣ ба ҳисоб меравад. Сипас, Файзуллоева Иноят, ходими пешбари илмии шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳ, дар мавзуи «Аҳаммияти парчам дар таҳкими давлатдорӣ» суханронӣ намуд. Дар доираи маърӯза аҳаммияти Парчами давлатӣ ҳамчун рамзи соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти сиёсӣ, ягонагии миллӣ ва ифодаи арзишҳои давлатдории муосири Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар доираи конференсия масъалаҳои нақши рамзҳои давлатӣ дар рушди маърифати шаҳрвандӣ, таҳкими ҳувияти миллӣ ва истифодаи имкониятҳои тарбиявии онҳо дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд. Дар фарҷоми чорабинӣ ҳамчунин музокираи иштирокчиён ва супоридани ифтихорномаҳо сурат гирифт.




















ИФТИХОРНОМА


ИФТИХОРНОМА


ИФТИХОРНОМА





